ТАҚРИЗ

ба фишурдаи диссертатсияи Мамадиев Журабек Уракович «Тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик

Дар таърихи адабиёти халқҳои Осиёи Миёна масъалаи таъсирпазирӣ ва равобити адабии бисёрсамтаи судманд, дар ҳама марҳилаҳои таърихӣ ба мушоҳида мерасад. Табиист, ки масъалаи омӯзиши таърихи робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек дар замони мо таҷдиди назар мехоҳад. Аз ин ҷиҳат метавон диссертатсияи Журабек Мамадиевро иқдоми шоиста ва саривақтӣ ҳисобид. Собиқаи пажӯҳиши ин масъаларо мо дар осори илмии донишмандони маъруфе мисли В.Бартолд, Е.Бертелс, И.Брагинский, А.Мирзоев, В.Комиссаров, Ш.Шомуҳаммедов, Б.Валихоҷаев, Н.Комилов, Э.Шодиев ва дигарон мушоҳида мекунем. Аз ҷумла, масъалаи таъсири осори Саъдӣ ба адабиёти ӯзбек ҳанӯз дар нимаи аввали саддаи XX таваҷҷуҳи ховаршиноси маъруф Е. Э. Бертелсро ба худ ҷалб карда буд. Вай дар рисолаи «Навоӣ» масъалаи мазкурро бори нахуст ба таври илмӣ ба миён гузошта буд. Ҳарчанд ки ба ин масъала муҳаққиқони баъдӣ низ дахл намуданд, вале он то ҳанӯз ба таври монографӣ ба таҳқиқ гирифта нашудааст. Аз ин рӯ, метавон рисолаи Ж.Мамадиевро дар ин самт таҳқиқоти комилу фарогир ҳисобид.

Ж.Мамадиев масъалаи таъсири осори Саъдӣ ба адабиёти ӯзбекро дар се боби асосӣ ва фаслҳои онҳо ба таври муназзам ба таҳқиқ мегирад. Вай боби аввали рисоларо ба масъалаи тарҷумаи осори Саъдӣ ба забони ӯзбекӣ ихтисос додааст. Вай тарҷумаҳои «Гулистон»-ро дар даврaҳои гуногуни инкишофи адабиёти ӯзбек баррасӣ намуда, таъкид месозад, ки ин асари Саъдӣ дуюмин намунаи осори адабии форсист, ки ҳанӯз дар солҳои 1390-91 аз тарафи адиби маъруфи туркизабон Сайфии Саройӣ ба забони туркӣ тарҷума шудааст. Ин адиб тарҷумаи худро маҳз ба ҳамин хотир «Туркча Гулистон» номида аст. Баъзан огоҳӣ ва адибони дигаре

ба тарҷумаи «Гулистон» ва осори дигари Саъдӣ иқдом намудааст. Раванди тарҷумаи осори Саъдии Шерозӣ дар адабиёти ӯзбек то замони мо идома дорад, ки ин далели равшани маҳбубияти шоир дар байни аҳли адаб ва аҳли назари ӯзбек аст.

Масъалаи таъсири эҷодиёти Саъдӣ ба осори шоирони ӯзбек ва нақши ин таъсирпазирӣ дар таҳаввули адабиёти ӯзбек дар боби дуюми диссертатсия баррасӣ мешавад. Дар фаслҳои боби дуюм диссертант масъалаи таъсирпазирии Навоӣ ва шоирони дигари ӯзбекро аз осори Саъдӣ баррасӣ менамояд. Муаллиф таъкид мекунад, ки Навоӣ бештар аз мазмуну мундариҷа, оҳанги сухан ва ҳунари шоирии Саъдӣ таъсир бардоштааст. Далели равшани ин дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ эҷод шудани «Маҳбуб-ул-қулуб»-и Навоӣ аст.

Бояд гуфт, ки ба таври умумӣ ҳамаи тарҷумаҳои осори Саъдӣ дар таҳаввули адабиёти классики ӯзбек нақши муҳим гузоштаанд. Ин масъала дар боби сеюми диссертатсияи Ж.Мамадиев баррасӣ мешавад. Муаллиф мақому ҷойгоҳ ва нуфузу таъсири шахсият ва осори Саъдиро дар ҳавзаҳои адабии Хева ва Қӯқанд ба таври алоҳида баррасӣ менамояд. Таъкид мешавад, ки шоирони ӯзбек аз асри XV ва баъд ба шакл ва мазмуни осори Саъдӣ пайравӣ карда, тарҷумаи осори ӯро низ чун манбаи таъсирпазирӣ эътироф кардаанд. Саъдӣ бевосита ба эҷодиёти Навоӣ, Сайфии Саройӣ, Ҳофизи Хоразмӣ, Лутфӣ, Сакокӣ ва дигарон таъсир гузоштааст. Таваҷҷуҳи ин адибонро бештар мавзӯъҳои ахлоқию тарбиявӣ ва иҷтимоии осори Саъдӣ ба худ ҷалб намудааст.

Дар хулосаи диссертатсия бардоштҳо ва натиҷагириҳои илмию пажӯҳишии диссертант ба таври мушаххас дар чордаҳ банд оварда шудааст, ки онҳо арзиши илмии диссертатсияро меафзоянд.

Дар баробари муваффақиятҳои зикргардида дар диссертатсия нуқсонҳои услубӣ, имлоӣ ва навиштории ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд ислоҳ намуд.

Ба таври умумӣ рисолаи Ж. Мамадиев тадқиқоти комилу фарогир ва анҷомёфта аст. Фишурда ва мақолоти ба нашр расонидаи ӯ мазмуни рисоларо ба пуррагӣ ифода мекунанд. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

Номзади илмҳои филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович

Адрес: 734025, ҶТ, ш.Душанбе,
х. Рудаки, 21
Тел: (моб) +99293 511 23 87
e-mail: shamsiddin-2010@mail.ru

Имзои номзади илмҳои филология Ш.М.Муҳаммадиевро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадри Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимова З.

МУҲРИ КАДР

17.05.2019